11 10 2019



**Точикистони сохибистиклол зери парчами вахдату хамбастагӣ, бунёдкорию созандагии пурсамар дар партави сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон ва ташаббусхои чахонии ин шахсияти таърихӣ тавонист чойгохи шоистае дар арсаи минтакавию байналмилалӣ барои худ касб намояд, чунонки акнун хеч гуна тасмимгирии дастачамъиро дар минтака бидуни хузури фаъоли Точикистон наметавон тасаввур кард. Точикистон замоне ба бунёди давлатдории хеш огоз кард ва сиёсати хоричии худро тахким бахшид, ки низоми сиёсии чахон рӯ ба дигаргунӣ оварда буд. Бар замми ин, солхои аввали сохибистиклолӣ Точикистонро чанги тахмилии шахрвандӣ фаро гирифт ва дар чунин шароит сиёсати хирадмандонае бояд пеш гирифта мешуд, ки бакои давлат ва якпорчагии миллатро таъмин мекард ва мавкеи сиёсии кишварро дар арсаи байналмилалӣ**

**мустахкам менамуд.**
Ташаккул ва татбики сиёсати хоричӣ, ки мехвари онро сиёсати «дархои кушода» ташкил медихад, аз дастовардхои бузурги давлати мо дар замони сохибистиклолӣ ба шумор меравад. Ба шарофати сиёсати хоричии мутавозин дар ин давра Точикистон дар арсаи байналмилалӣ мавкеи шоистаи худро пайдо намуда, муносибат ва хамкорихои гуногунчанбаро бо кишвархои дунё, созмонхои байналмилаливу минтакавӣ ва ниходхои бонуфузи молиявӣ ба рох монд.
Дар равшан сохтани хадафхои асосӣ ва усулхои сиёсати хоричӣ ва дипломатияи миллии Точикистон накши Эмомалӣ Рахмон бисёр муассир мебошад. Сарвари давлати Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон 29 сентябри соли 1993 нахустин маротиба аз минбари Созмони Милали Муттахид сухан ронда, чомеаи чахониро ба нияту накшахои бунёдкорона, хадафхои сиёсии сулхчӯёна, расидан ба вахдати миллӣ, инчунин, тахкиму таквияти хамкорӣ бо хама кишвархои дӯсту сулхпарвари чахон ошно намуданд.

Чумхурии Точикистон бо эътироф кардани санадхои робитахои байналмилалӣ, аз чумла Оинномаи Созмони Милали Муттахид, Санади хотимавии Хелсинки, Баёнияи Париж ва дигар санадхои зербиноии сиёсати дохилӣ ва хоричии худро бунёд намуда, эълон кард, ки инсон ва хукуку озодихои ӯро, сарфи назар аз мансубияти миллӣ, мазхабӣ, нажодӣ ва чинсӣ арзиши олӣ мешуморад.
Соли 1993 дувоздах созмони байналмилалӣ, аз кабили Созмони Милали Муттахид, Созмони Амният ва Хамкорӣ дар Аврупо, Хазинаи байналмилалии асъор, Бонки чахонӣ ва Бонки аврупоии тачдид ва рушд, соли 1994 хашт созмони байналмилалӣ, соли 1995 ду созмон ва соли 1996 ду созмони дигар намояндагии худро дар Чумхурии Точикистон таъсис дода, ба фаъолият шурӯъ намуданд.
Феълан тахкиму густариши муносибатхои дучониба ва хамкорихои бисёрчониба дар сиёсати хоричии Точикистон бо давлатхо ва созмонхои байналмилалию минтакавӣ мавкеи махсус дорад. Ба гуфтаи коршиносон зарурати иштироки Чумхурии Точикистон дар фаъолияти созмонхои чахонию минтакавӣ аз он бар меояд, ки давлати мо дар тахкими амнияту суботи минтака накши мухим дорад.
Яке аз воситахои муваффаки хамгироӣ бо иктисодиёти байналмилалӣ дар даврони сохибистиклолии кишвар ин шомил шудани Точикистон ба Созмони чахонии савдо мебошад. Бино ба таъкиди иктисоддонхо, пайвастани Точикистони озоду сохибихтиёр ба ин созмони чахонӣ барои кишвари мо имконияти бештари хамгироии иктисодии чахониро фарохам овард. Албатта, пайвастани Точикистон ба Созмони чахонии савдо такозо мекард, ки кишвари мо чандин мархилаи мушкилро паси сар намояд ва дар пайи талошхои хастанопазири Президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Рахмон давлати озоду ободи мо ба ин максад расид. Чумхурии Точикистон 2 марти соли 2013 узви комилхукуки ин созмони бонуфузи чахонӣ гардид ва кадами бузурге дар арсаи чахонӣ гузошт.
Феълан, Точикистон яке аз аъзои фаъоли ин созмони бонуфуз буда, дар доираи талаботи он хамкории иктисодиро бо давлатхои узв рушду густариш мебахшад. Дар як муддати кӯтох тибки талаботу мукаррароти Созмони чахонии савдо ба конуну меъёрхои амалкунандаи Точикистон тағйиру иловахои дахлдор ворид гардида, шумораи санадхои нави меъёрӣ кабул карда шуданд, ки ин раванд заминаи пайвастани Точикистони

сохибистиклолро ба иктисоди чахони муосир тахким бахшид.
Чумхурии Точикистон давоми 28 соли истиклолияти хеш бо рохбарии Сарвари хирадманду дурандеш - мухтарам Эмомалӣ Рахмон тавонист, ки бо баркарор намудани хамкории судманду самарабахш бо кишвархои чахон, созмонхои байналмилалӣ ва минтакавӣ мархила ба мархила мавкеи сиёсии худро дар арсаи чахон устувору пойдор созад. Кишвари мо дар ин давра бо хидояти Пешвои миллат хамчун узви комилхукуки чомеаи чахонӣ эътироф гардида, обрӯ ва эътибори хешро боло бурд, хамкории судмандро тахкиму густариш бахшид ва то имрӯз бо аксар давлатхои чахон робитаи хубу манфиатовар дорад.
Дар тахким ва устувории сиёсати хоричии Точикистон кабули санадхои меъёрии хукукӣ дар рӯзхои аввали сохибистиклолӣ бо хидояти Президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Рахмон заминаи устувор гузоштанд. Аз чумлаи аввалин санадхои муайянкунандаи масири сиёсати хоричии Точикистон ин Конуни Чумхурии Точикистон «Дар бораи хизмати дипломатӣ» ва Консепсияи сиёсати хоричии Чумхурии Точикистон буд.
Бо кабули ин санад ва мухайё гардидани дигар заминахо барои рушди сиёсати хоричӣ Точикистон хамчун кишвари озоду сохибистиклол дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ гардид, рушди хамкорӣ ва муносибатхои дучонибаю бисёрчониба бо давлатхою созмонхои байналмилалӣ ва минтакавӣ аз хадафхои мухими давлати чавони мо дониста шуд.
Катъи назар аз мушкилоти аввали даврони сохибистиклолӣ кишвари тозаистиклоли мо бо рохбарии Эмомалӣ Рахмон дар интихоби сиёсати муваффаки хоричӣ кадамхои устувор гузошт. Интихоби сиёсати «дархои кушода» дар самти рушди хамкорихои хоричии Точикистони сохибистиклол бо кишвархо, созмонхои байналмилалӣ ва минтакавӣ дар рӯзхои аввали истиклолият аз хислатхои дурандешонаи Рохбари олихиммати точикон – Эмомалӣ Рахмон буд.
Сиёсати «дархои кушода», ки мехвари аслии муносибатхои мо бо чахони муосир интихоб гардид, дар давоми Истиклолияти давлатӣ вокеӣ, дуруст ва судовар будани худро нишон дод. Ин сиёсат доираи шарикони Точикистонро афзуда, барои таъмини иштироки густурдаи кишварамон дар фаъолияти созмонхои байналмилалӣ ва минтакавӣ заминаи мусоид фарохам овард.
Дар ин раванд, химояи манфиатхои иктисодиву ичтимоӣ ва амниятии Точикистон, чалби сармояи хоричӣ чихати татбики лоихахои бузурги инфрасохторӣ, эчоди шароити мусоиди берунӣ барои рушди устувори кишвар ва таъмини бехатарии он мухим дониста мешуд. Махз амалӣ гардидани ин усул дар сиёсати хоричии кишвари мо барои тавсеа ва тахкими муносиботи дучонибаю бисёрчониба бо мамлакатхои олам ва хифзу химояи манфиатхои миллию давлатӣ дар арсаи байналмилалӣ уфукхои навро боз намуд.
Принсипхои асосӣ ва анъанахои сиёсати хоричии Точикистон, асосан, ба халли масъалахои афзалиятноки рушди кишвар, аз чумла тахкими сулху субот ва вахдати миллӣ, таквияти ислохоти сиёсӣ, иктисодӣ ва ичтимоӣ, равона гардида буд. Дар давоми солхои сохибистиклолӣ сиёсати «дархои кушода» хамчун фарханги хамзистӣ бо оламиён аз чониби рохбарияти кишвар муаррифӣ гардида, дар асоси он сиёсати хоричии бисёрсамта, ботавозун ва прагматикӣ тархрезӣ шуд ва тавсеаву тахкими робитахои дӯстона ва хамкорихои судманд бо кишвархои гуногуни олам зина ба зина рушду тахким ёфтанд. Ба шарофати ин сиёсати муваффаки Сарвари дурандеш мухтарам Эмомалӣ Рахмон Точикистон мавкеи худро дар сиёсати байналмилалӣ ва халлу фасли мушкилоти сайёра мустахкам намуда, ба доираи хамкории худ давлатхои бисёрро ворид карда, бо

назардошти манфиатхои миллӣ тавозуни муносибатхо ва манфиатхои худро таъмин гардонд. Сиёсати “дархои кушода” мехвари сиёсати хоричии Точикистонро тачассум мекунад ва дар заминаи татбики бомуваффаки ин сиёсат хамасола миёни Точикистон ва беш аз 100 кишвари чахон табодули мол сурат мегирад.
Точикистонро хамчун узви комилхукуки чомеаи чахонӣ то имрӯз зиёда аз 150 давлати чахон хамчун давлати озоду сохибихтиёр ба расмият шинохтааст ва кишвари мо бо 126 давлат муносибати дипломатӣ баркарор намудааст. Давлати мо дар доираи сиёсати «дархои кушода» дар солхои сохибистиклолӣ дар сиёсати хоричии хеш таваччухи асосиро нахуст ба тахким ва тавсеаи муносиботи хасана бо кишвархои хамсояи Осиёи Марказӣ - Ӯзбекистон, Казокистон, Туркманистон ва Киргизистон равона намуда, равобит бо ин давлатхоро дар асоси дӯстӣ, эхтирому эътимоди тарафайн, хайрхохӣ ва хамкории судманду созанда тахкиму густариш бахшидааст. Точикистон феълан хамкории хоричӣ ва равобити дӯстонаро бо се кишвари ин минтака дар асоси шарикии стратегӣ амалӣ менамояд, ки ин раванд ба манфиати мардумони хамаи давлатхо мебошад.
Тавре Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон таъкид медоранд: “Точикистон таквияти дӯстии таърихии мардумони Осиёи Марказиро амри усулан зарурӣ медонад ва, хамзамон бо ин, чонибдори густариши равобити хасана, хамкории иктисодӣ ва фархангиву гуманитарӣ, равуои озоди одамону наклиёт ва интиколи бемамониати сармояву хизматрасонихо буда, чихати тахкими равандхои хамгирой чонибдори рафъи низоми раводид дар минтака аст”.
Рушди муносибатхои Чумхурии Точикистон бо Чумхурии Ӯзбекистон дорои ахамияти махсус мебошад. Точикистону Ӯзбекистон, бешубха, дорои фазои бузурги фархангӣ - гуманитарӣ, сархади умумӣ ва робитахои инкишофёфта буда, метавонанд рафтуомади озоди ахолӣ ва махсулоту хизматрасонихоро фарохам оранд, барои инкишофи таъсирбахши сохахои гуногуни иктисодиёти хар ду давлат мусоидат намоянд ва иктидори транзитии якдигарро барои баромадан ба дигар бозорхо истифода баранд. Ба принсипхои асосии муносиботи ду кишвар таърих, сарватхои умумии фархангиву маънавӣ, инчунин, анъанахои чандинасраи эхтироми якдигар ва хамсоягӣ заминаи мустахкаму устувор гузоштаанд.
Коршиносону мутахассисони масоили сиёсӣ соли 2017 - ро соли рушди пойдории хамкорӣ ва тавсеаи муносибатхои дучониба ва бисёрчониба миёни чумхурихои Точикистон ва Ӯзбекистон маънидод мекунанд, зеро дар ин сол бо талошу дастгирихои бесобикаи рохбарони сатхи олии ду кишвари хамсоя раванди муносибот уфукхои нави хамкориро ба худ касб намуд. Талошу кӯшишхои сиёсии Точикистону Ӯзбекистон барои тахкими амнияту субот дар минтака, мусоидат ба равандхои минбаъдаи хамгирой пайваста ба назар мерасанд. Ду кишвар узви якчанд созмони минтакавию байналмилалӣ, аз чумла СММ, ИДМ ва СХШ буда, муносиботро дар доираи ин созмонхо рушду густариш мебахшанд. Бо назардошти хаммарз будани Точикистону Ӯзбекистон таквияти хамкорӣ миёни ду чониб дар хама бахшхои давлатдорӣ, аз чумла сиёсат, иктисоду саноат, наклиёту коммуникатсия ва маорифу кишоварзӣ, дорои дурнамои нек арзёбӣ мегардад. Точикистону Ӯзбекистон имрӯз ба рушди хамкории тичоратию иктисодӣ афзалияти бештар дода, хамгирoии доирахои сохибкорӣ ва ширкатхои тичоратӣ дар холи рушд карор дорад. Омор нишон медихад, ки бо таваччух ба ин самт хамкории иктисодии Точикистону Ӯзбекистон тамоюл ба болоравӣ дорад. Агар хачми гардиши мол миёни ду

кишвар дар соли 2016, 69,3 миллион доллари амрикоиро ташкил дода бошад, ин ракам дар соли 2017 ба 126,4 миллион доллар баробар шуд, ки аз ин 57,1 миллион доллар ба содирот ва 69,3 миллион доллар ба воридот рост меояд. Гардиши мол миёни ин ду кишвар дар нимсолаи аввали соли 2018 бошад, ба 128 миллион доллар баробар гардид. Хамкории Точикистону Ўзбекистон дар сохаи алокаи хавоӣ дар асоси Протокол оид ба хамкорӣ байни маъмурияти авиатсионии ду кишвар аз мохи ноябри соли 2016 ба рох монда шуда, тибки он парвозхо аз мохи апрели соли 2017 расман шурӯъ гардиданд. Бо талошу дастгирихои рохбарони ду давлат мухтарам Эмомалӣ Рахмон ва мухтарам Шавкат Мирзиёев парвозхо тарики хатсайри Душанбе - Тошкент - Душанбе, Душанбе - Самарканд - Душанбе ва Душанбе - Бухоро - Душанбе амалӣ гардида, рафтуомади зиёди шахрвандон ба кишвархои хамдигар сурат мегирад.
Точикистону Ўзбекистон имрӯз ба рушди муносибот дар сохаи фарханг низ хавасманд мебошанд. Хамкории судманди фархангию адабии ду кишвари дӯсту хамсоя аз каъри таърих сарчашма гирифта, дар холи рушду инкишоф карор дорад. Намунаи барчастаи ин гуфтахо машъали дурахши дӯстист, ки мутафаккирони бузурги мо Абдурахмони Чомӣ ва Алишер Навоӣ фурӯзон карда буданд. Дар каламрави Точикистон ва хам Ўзбекистон намояндагони зиёди хар ду миллат кору сукунат доранд ва аз хаёти осуда бархӯрдоранд.
Чумхурии Точикистон ба хислати стратегии муносибатхои дучониба, тавсеаи хамкорӣ дар сохахои сиёсӣ, тичоратию иктисодӣ ва фархангиву башарӣ бо Чумхурии Казокистон хам таваччухи хосса медихад. Наздик ва мувофик будани мавкеъхои ду кишварро дар масъалахои калидии сиёсати байналмилалӣ, инчунин, максаду накшахои давлатхо оид ба фаъолтар сохтани хамкорӣ дар доираи Созмони Милали Муттахид, Созмони хамкории Шанхай, Созмони Ахдномаи амнияти дастачамъӣ, Иттиходи Давлатхои Мустакил, Созмони хамкории иктисодӣ, Созмони хамкории исломӣ, Машварати хамкорӣ ва тадбирхои боварӣ дар Осиё ва дигар созмонхои байналмилалию минтакавӣ собит намуданд. Умумияти фархангию таърихии ду халк омили асосии рушди муносибатхо дар сохахои илм, маориф, тандурустӣ, фарханг, санъат, сайёхӣ, хунархои мардумӣ, варзиш ва дигар арсахо дар давоми 28 соли Истиклолияти давлатии Чумхурии Точикистон гардидааст.
Хамкории дучониба ва бисёрчонибаи Точикистону Казокистон дар фазои мутакобилан судманд ва хусни тафохум чараён гирифта, дар холи инкишофи сатхи баланд карор доранд. Дар баррасии масъалахои мухими дорои ахамияти байналмилалӣ ва минтакавӣ мавкеи чонибхо хамоханг буда, тарафхо, асосан, мавкеи наздик ё ба хам мушобех доранд. Дар ин замина боздидхои сарони давлатхо аз кишвархои якдигар ба рушди муносибатхо такони мусбат бахшида, тахкимгари пояи шартномавию хукукии хамкорихо гардидаанд.
Точикистон ва Казокистон бо максади халли самарабахши масъалахои аввалиндарача ва тахкими минбаъдаи хамкории дучониба, тахкурсии институтсионалии устувор - Шӯрои хамохангсозии байнидавлатии Чумхурии Точикистон ва Чумхурии Казокистон, Шӯрои вазирони корхои хоричии Чумхурии Точикистон ва Чумхурии Казокистонро таъсис доданд. Феълан заминаи шартномавию хукукии муносибатхои дучонибаи Точикистону Казокистонро беш аз 75 санад ташкил медихад. Санадхои мазкур, асосан, фарогири самтхои мухими хамкорихо, аз чумла, сиёсию иктисодӣ, сармоягузорию андозбандӣ, бонкӣ ва гумрукӣ, инчунин, харбӣ ва харбию техникӣ буда, густариши фаъолонаи муносибатхои минбаъдаро таъмин менамоянд. Раванди густариши хамкорихои

тичоратию иктисодӣ ва гуманитарии Точикистону Казокистон бо назардошти манфиатхои мутакобилан муфид ба рох монда шуда, дар ин асос муносибатхои дучонибаи сиёсӣ густариш меёбанд.
Точикистону Беларус ду кишвари дӯст дорои муштаракоти зиёди ичтимоию иктисодӣ ва хамкории зичу босамар дар бештари сохахои мавриди таваччух мебошанд. Сафархои пайвастаи сарони ду давлат дар солхои сохибистиклолӣ ба кишвархои хамдигар дар густариши муносибатхои дучониба такони чиддӣ мебахшанд. Точикистону Беларус дар давоми бештар аз ду дахсолаи баркарории равобити дипломатӣ ба дастовардхои зиёд дар сохахои гуногун ноил гардидаанд. Муносибатхои дипломатӣ миёни Чумхурии Точикистон ва Чумхурии Беларус 5 сентябри соли 1996 тавассути мубодилаи ёддоштхо баркарор гардидааст.
Коршиносону мутахассисон рушди муносибатхои дучонибаю бисёрчонибаи Точикистону Беларусро дар мархалаи кунунӣ дар сатхи баланд арзёбӣ мекунанд.
Миёни Точикистону Беларус муколамаи мунтазами сиёсӣ дар сатхи олӣ ба рох монда шудааст, ки ба гуфтаи коршиносон ба рушду тавсеаи муносибатхои дучониба пайваста мусоидат мекунад.
Точикистону Беларус пайравони собиткадами тавсеа ва тахкими хамкории минтакавӣ буда, оид ба баланд бардоштани сатхи хамкорихои самаранок дар доираи СММ, САХА, ИДМ, СААД ва дигар созмонхои минтакавӣ, ки хар ду кишвар аъзои онхо мебошанд, мавкеи яксон доранд. Тибки нишондод сатхи хамкории иктисодӣ миёни Чумхурии Точикистон ва Беларус дар давоми 28 соли сохибистиклолии кишвари мо тамоюли мунтазами болоравиро доро буда, асосан, дар доираи Комиссияи байнихукуматии Точикистону Беларус оид ба масъалахои хамкории тичоратию иктисодӣ, ки соли 1999 таъсис шудааст, баррасӣ мегардад.
Робитахои тичоратию иктисодӣ чихати ташкили таъминкунӣ бо ашёи хом, молу махсулоти мавриди ниёзи мардум ва, инчунин, инкишофи муносибатхои миёни субъектхои минтакавӣ ва хочагидории ду давлат равона карда шудаанд.
Душанбеву Минск рушди хамкорихоро дар сохаи маорифу фарханг ва илм манфиатовар дониста, дар солхои сохибистиклолии Точикистон хамкорихо миёни ду давлат дар ин самт низ тамоюли инкишофро ба худ касб кардааст. Дар доираи хамкорихои илмии миёни ду кишвар мохи сентябри соли 2012 дар заминаи Донишгохи техникии Точикистон ба номи Мухаммад Осимӣ факултаи Донишгохи миллии техникии Беларус фаъолияти худро огоз намуд.
Чараёни амалисозии кӯшишхои сарони ду кишвар чихати боз хам зичтар намудани хамкорихои гуногунчанба мувофики имконият ва ниёзхои мардумони ду давлат ба назар мерасанд ва сокинони хар ду кишвар ба ояндаи ин равобит нигохи нек доранд.
Муваффакият ва дастовардхои сиёсати хоричии Точикистон барои муаррифии миллати точик дар арсаи чахон уфукхои навро боз намудааст. Точикистон дар доираи хамкорихои созандаи хоричӣ бо кишвархои гуногуни олам дар ин давра зиёда аз 1200 хуччати дучониба ба имзо расондааст, ки масъалахои муносибату хамкорихои дучонибаро дар сохахои сиёсӣ, иктисодӣ, тичоратӣ, харбӣ, харбӣ - техникӣ, амният, илм, фарханг, маориф, тандурустӣ, сайёхӣ ва гайрахоро фаро мегиранд.
Бештари ташаббусхои сиёсӣ, аз чумла халлу фасли мухолифати шахрвандӣ тарики гуфтушунид, мусоидат ба халли мушкилоти сиёсиву иктисодӣ ва ичтимоии Афгонистон, рушди хамкорихои минтакавӣ, як зумра ташаббусхо оид ба истифодаи окилонаи захирахои обӣ ва хамкорӣ дар сохаи энергетика, мубориза бар зидди терроризм,

экстремизм ва кочоки маводи мухаддир, инчунин, дигар пешниходхои арзишманди рохбарияти Точикистон аз чониби чомеаи чахонӣ хамовозӣ ва дастгирӣ пайдо намудаанд.
Коршиносону мутахассисон ташаббусхои чониби Чумхурии Точикистонро дар сохаи об дар арсаи байналмилалӣ назаррас арзёбӣ мекунанд, ки аз чониби Созмони Милали Муттахид дастгирӣ ёфта, самти фаъолияти чомеаи чахониро аз баррасиву изхори максад ва эълони ухдадорихо ба ичрои чорахои амалӣ равона кардаанд.
Ташаббусхои Пешвои муаззами миллат дар асри XXI хадафи стратегии навро барои инсоният ва таъмини хаёти арзандаи одамон эчод намуданд. То имрӯз чор ташаббуси чониби Точикистон, аз чумла соли 2003 - Соли байналмилалии «Оби тоза», солхои 2005 - 2015 Дахсолаи байналмилалии амал “Об барои хаёт”, соли 2013 - Соли байналмилалии хамкорӣ дар сохаи об ва Дахсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солхои 2018 - 2028» аз чониби чомеаи чахонӣ чонибдорӣ ёфтааст, ки ин икдомоти Рохбари дурандешу хирадманди точикон - Эмомалӣ Рахмон дар самти рафъи мушкилоти глобалии сайёра, аз чумла об ва пешгирӣ аз тагйирёбии иклим, мухиму назаррас арзёбӣ мегарданд.
Гуфтан ба маврид аст, ки бо ибтикори чониби Точикистон Соли хамкорӣ дар сохаи об эълон шудани соли 2013, мафхуми дипломатияи обро ба сатхи амалӣ боло бароварда, онро бо таркибаи вокеӣ мукаммал намуд. Ташаббуси чоруми Точикистон, ки соли 2018 татбики он ба таври расмӣ огоз гардид, аз рӯйдодхои мухиму хотирмон барои миллати точик дар сиёсати дохилию хоричӣ дар ин сол дониста мешавад.
Метавон гуфт, ки соли 2018 бо рӯйдодхои нихоят мухиму хотирмони худ барои мардуми шарифи Точикистон ва давлати сохибистиклоли точикон дар сиёсати хоричӣ соли вокеан таърихӣ буд. Зеро 22 марти соли 2018 дар Рӯзи байналмилалии захирахои об татбики ташаббуси чоруми чахонии чониби Точикистон дар сохаи об - Дахсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солхои 2018 - 2028» бо иштироки Сарвари давлат дар Мачмаи умумии Созмони Милали Муттахид расман огоз гардид.
Дар шароити тагйирёбии иклим, ки масъалаи хифзи манбаъхо ва захирахои оби тозаи ошомиданӣ ба яке аз мушкилоти асосии мардуми сайёра табдил ёфтааст, Точикистон дар ин самт хамчун кишвари ташаббускор ва пешсаф дар арсаи чахонӣ эътироф шуд.
Чун дар мавриди ташаббусхои чониби Точикистон дар доираи татбики босамари сиёсати хоричӣ таъкид рафт, бояд зикр дошт, ки пешниходхову ташаббусхои кишвари мо бо рохбарии Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Рахмон ба масъалаи об махдуд нагардидааст. Сарвари давлати Точикистон хамчун сиёсатмадори волоназари сатхи чахонӣ дар мавриди мушкилоти дигари сайёра низ ташаббусхое доранд, ки дар сатхи чахонӣ хамовозии зиёде пайдо кардаанд.
Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон бахри чалби бештари чомеаи чахонӣ барои хамкорӣ, аз чумла дар самти табодули мол, татбики лоихахои муштарак ва гайра, соли 2002 ташаббуси тозатаре дар сиёсати «дархои кушода» -ро эълон намуданд.
Пӯшида нест, ки дахаи аввали истиклолият дар Точикистон, асосан, дар рохи ба эътидол овардани вазъият ва тахкими пояхои давлатдорӣ сарф шуд. Бо гузаштан аз ин мархила, ки давраи аввали пас аз истиклол буд, Точикистон дархои худро ба рӯи хамаи кишвархои олам кушод. Сарвари давлат мухтарам Эмомалӣ Рахмон бо эълони сиёсати «дархои кушода» равобити байналмилалиро барои муаррифии Точикистон дар чахон бо чалби сармояи хоричӣ барои бозсозии кишвар ба рох монданд, ки ин сиёсат имрӯз

муваффакиятхои зиёдеро ба миён оварда, идома дорад.
Душанбе - пойтахти Точикистон дар замони сохибистиклолии Ватан борхо мизбони баргузории чорабинихои сатхи байналмилалӣ гардида, таваччухи сарони хукуматхо, рохбарони давлатхо ва созмонхою ташкилотхои бонуфузи чахониро дар доираи сиёсати муваффаки хоричии хеш ба халлу фасли масоили умдаи чахонӣ чалб кардааст. Хамоиши навбатии сарони давлатхои Созмони Машварати хамкорӣ ва тадбирхои боварӣ дар Осиё, ки мохи июни соли 2019 дар доираи раёсати Точикистон дар ин созмони минтакавӣ доир гардид, Президенти Чумхурии Точикистон бори дигар таваччухи кишвархои аъзоро ба мубориза̄и дастачамъона бар зидди хатару чолишхои замони нав, аз чумла терроризму экстремизм ва таъмини амният дар минтака ва чахон чалб намуданд.
Тачрибаи пешбурди сиёсати хоричии бисёрсамтаи Точикистон дар давраи Истиклолияти давлатӣ, бавижа баъди расидан ба мусолихаи миллӣ, нишон дод, ки тавсеаи равобити дӯстона ва мутакобилан судманди дучониба бо кишвархои гуногун ва рохандозии хамкорихои бисёрчониба бо онхо дар чахорчӯби созмонхои байналмилалӣ ва минтакавӣ барои рушди бахшхои сиёсӣ, иктисодиву ичтимоӣ ва фархангии кишвар, таъмини амнияту суботи миллӣ, инчунин, чойгохи муносиб ва шоиста касб кардани кишвар дар равандхои чахонӣ накши муассир доштааст.
Дар хамин замина Точикистон дар сиёсати хоричии бисёрсамтаи хеш ба таъмини хамкорӣ бо созмону ниходхои байналмилалӣ, аз кабили Созмони Милали Муттахид, Созмони Амният ва Хамкорӣ дар Аврупо, Созмони хамкории исломӣ, Созмони хамкории Шанхай ва ниходхои минтакавию байналмилалии молиявӣ афзалияти бештар медихад.
Чумхурии Точикистон дар замони Истиклолияти давлатӣ хамкории густурдаи минтакавиро воситаи мухимтарини халли масъалахои иктисодиву тичоратӣ, ичтимоӣ, экологӣ ва таъмини амнияту субот дар Осиёи Марказӣ дониста, чонибдори тахкими муносибатхои байнихамдигарии мардумони минтака бар пояи дӯстӣ ва хусни эътимод мебошад.
Хукумати Чумхурии Точикистон аз солхои аввали сохибистиклолӣ баробари рушди хамкорихо бо дигар созмонхои чахонию минтакавӣ ба густариши муносибот бо Созмони хамкории Шанхай низ таваччухи аввалиндарачаро равон намуд. Дар ин давра тахким ва рушди муносибот бо Созмони хамкории Шанхай, ки 15 июни соли 2001 арзи хастӣ намуд, дар мадди аввал карор гирифтааст. Ин созмон аз рӯи нуфуз ва захирахои иктисодӣ, демографӣ, худудӣ ва табиӣ бузургтарин дар минтакаи АвруОсиё дониста мешавад ва муассисони ин созмон, асосан, Чумхурии Точикистон, Федератсияи Россия, Чумхурии Мардумии Чин, Казокистон, Киргизистон ва Ӯзбекистон мебошанд.
Дар кишвархои узви ин созмон зиёда аз 3 миллиард ахолӣ, ки такрибан 61 дарсади нуфуси АвруОсиёро ташкил медихад, зиндагӣ мекунанд ва аз чихати худуд бошад, фарогири бештар аз 20 миллиард километри мураббаъ аст.
Чумхурии Точикистон ба мисли дигар кишвархои узви ин созмон мушкилот ва чолишхои муосирро вокеӣ арзёбӣ мекунад. Вобаста ба ин яке аз авлавиятхои Точикистони сохибистиклол дар Созмони хамкории Шанхай фаъолияти муштарак чихати таъмини сулху субот, аз чумла мубориза бар зидди терроризм, экстремизм ва сепаратизм, муомилоти гайриконунии маводи мухаддир ва тахдидхои амнияти иттилоотӣ мебошад.
Ба гуфтаи мутахассисон рушди равобит бо Созмони хамкории Шанхай барои Точикистон на танхо густариши равобити бисёртарафа аст, балки заминаест барои пешрафти муносибатхои дучониба. Хамчунин, донишмандону сиёсатшиносон мегӯянд, ки СХШ

барои Точикистон механизми мусоидест дар самти густариши равобити густурда бо Чумхурии Мардумии Чин.
Чумхурии Точикистон дар рохандозии сиёсати хоричии худ рушду тавсеаи хамкорихоро бо кишвархои ИДМ хамчун яке аз самтхои мухимтарин ва авлавиятнок медонад ва дар давоми солхои Истиклолияти давлатӣ муносиботро бо ин давлатхо дар асоси хамкорихои дучонибаю бисёрчониба густариш бахшида, ба дастовардхои зиёде дар ин самт ноил гардидааст.
Миёни хамёрони асосии Точикистон дар микёси ИДМ хамкорӣ бо Федератсияи Россия дар сиёсати хоричии Точикистон чойгохи махсус дошта, дар даврони истиклолият муносибот бо ин кишвар дар хама самтхо рушду густариш пайдо намудаанд. Феълан сатх, мазмун ва мухтавои равобити гуногунчанбаи Точикистону Россияро на танхо манфиатхои геополитикӣ ва прагматизми иктисодӣ, хамчунин, заминахои маънавӣ, фархангӣ ва пайвандхои инсонӣ муайян месозанд.
Бино ба таъкиди Сарвари давлат мухтарам Эмомалӣ Рахмон, харчанд мо сатху мухтавои равобити худ, дарачаи эътимод ва боварии тарафхоро бо Федератсияи Россия хеле баланд арзёбӣ менамоем, рушду густариши минбаъдаи равобити хамачонибаи судманд бо ин кишвар, устувортар ва амиктар намудани пайвандхои иктисодӣ ва алокахои фархангӣ, кавитар сохтани хамкорихои сиёсиву низомӣ ва низомиву техникӣ бо ин давлати дӯст аз самтхои афзалиятноки равобити Точикистон бо Россия аст ва чунин хохад монд. Аз ин рӯ, хифзи муносибатхои хасанаи анъанавӣ, агар аз як чониб, афзалияти сиёсати хоричии Точикистон бошад, аз чониби дигар, риояи манфиатхои олии миллӣ дар нихояти кор муайянкунанда хохад буд.
Точикистон дар даврони Истиклолияти давлатӣ ба рушд ва тахкими муносиботи дучонибаю бисёрчониба дар сиёсати хоричии хеш бо кишвари хамсояи Чин, ки феълан дар сиёсати чахонӣ маком ва нуфузи хоссаро сохиб аст, таваччухи махсусро равона намуда, муносиботро дар тамоми бахшхо бо ин кишвар тахкиму тавсеа бахшидааст. Дар солхои истиклолият таквияти хамкорихо бо Чумхурии Мардумии Чин, ки яке аз шарикони стратегии Точикистон махсуб мeёбад, дар сиёсати хоричии Точикистон маком ва чойгохи хоссаро ба худ касб намуд.
Феълан, танхо мубодилаи молу махсулот миёни Точикистону Чин, ки аз асосгузорони асосии СХШ дониста мешаванд, аз 2 миллиард доллари амрикоӣ зиёд буда, Чин ба сегонаи бузургтарин шарикони тичоратии кишвари мо шомил мебошад. Ширкатхои зиёди бонуфузи чинӣ дар самтхои гуногуни кишвари мо фаъолият карда истодаанд ва хамкорихои дучонибаю бисёрчониба миёни Точикистону Чин дар тамоми самтхо дар холи рушду густариш карор доранд.
Давлати Точикистон аз солхои аввали истиклолият бо дарки вокеии чойгохи созмонхои байналмилалӣ дар назми навини чахонӣ, равобити созандаеро бо ин созмонхо ба рох монд ва ин раванд то имрӯз идома дорад. Точикистон дар хеч даврае бо хеч як созмони байналмилалӣ мушкиле надошт. Ин, албатта, бозгӯи сиёсати барномарезишудаи Президенти кишвар, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Рахмон аст, ки Вазорати корхои хоричӣ дар пиёдасозӣ ва густариши ин сиёсат накши мехварӣ дорад.
Точикистон созмонхои байналмилалиро майдони муносибе барои хамкорӣ бо кишвархои мухталиф, хамохангсозии фаъолиятхои гуногунчанба ва наздикии фархангхову тамаддунхо медонад. Аз ин чихат, густариши равобит бо ин созмонхо барои кишвари мо яке аз авлавиятхои сиёсати хоричӣ ба хисоб меравад.
Дар сиёсати хоричии Точикистон тахким ва тавсеаи муносибатхои гуногунсамт бо

кишвархои минтакаи АвруОсиё низ маком ва накши шоистаро сохиб аст.
Хамкорихои судманди Точикистони сохибистиклол бо Япония, Хиндустон, Чумхурии Корея, Чумхурии Исломии Покистон, Чумхурии Туркия ва дигар кишвархои дӯсти ин минтака сол ба сол тахким ёфта, муносибот дар сохахои бунёди инфрасохтори иртиботиву наклиётӣ, иншооти гидроэнергетикӣ ва монанди инхо амалӣ карда мешаванд, ки аз рушди онхо тамоми мардумони кишвархо манфиатдоранд.
Хамкорихои гуногунсамти берунии Точикистон бо Иёлоти Муттахидаи Америко ва кишвархои аъзои Иттиходи Аврупо, ки дар сиёсату иктисоди дунёи муосир нуфуз ва накши бузург доранд, дар даврони сохибистиклолии кишвар бо талошу пайгирихои Президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Рахмон рушду густариши хамачонибаро касб намудаанд. Сафархои расмию кории Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар давоми солхои сохибистиклолӣ ба Иёлоти Муттахидаи Америко, кишвархои Иттиходи Аврупо ва рохандозии музокироту муколамаи рохбарони сатхи олии давлатхо дар замони Истиклолияти давлатии Точикистон муносиботи дучонибаю бисёрчонибаи Точикистон бо ин давлатхоро тахкиму тавсеа бахшидаанд. Бино ба таъкиди Сарвари давлат, бехтару хубтар ба рох мондани барномахои мавчудаву тахияшаванда доир ба хамкории судманд бо Иёлоти Муттахидаи Америко ва кишвархои Иттиходи Аврупо аз вазифахои мубрами сиёсати хоричии Точикистон махсуб меёбанд.
Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Рахмон таъкид медоранд: «Мо дар раванди мубориза фаъол ва муассир бар зидди терроризму экстремизм, гардиши гайриконунии маводи мухаддир ва чинояткории муташаккили фаромиллӣ бо ин кишвархо хамкории босамар доштем ва вусъату таквият бахшидани онхо аз чумлаи хадафхои мост».
Чумхурии Точикистон дар даврони сохибистиклолӣ дар сиёсати хоричии худ ба рушди хамкорӣ ва тавсеаи равобити дучонибаю бисёрчониба бо кишвархои олами араб хам таваччухи дучанд зохир намуда, давоми 28 соли Истиклолияти давлатӣ бо талошу пайгирихои Президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар ин самт низ дастовардхои назаррас ба миён омадаанд. Имрӯз Точикистон бо бисёр кишвархои мутараккии олами араб, аз чумла Шохигарии Арабистони Саудӣ, Чумхурии Мисри Араб, Давлати Кувайт, Аморати Муттахидаи Араб, Давлати Катар ва мамлакатхои дигари мусулмон муносибатхои муфиди дучониба ва бисёрчониба дорад. Хамкорӣ бо ин кишвархо дар самти мубориза бо тахдиду хатархои муосир низ тавсеа ва густариш ёфтааст.
Точикистон дар сиёсати хоричии хеш дар рохи амалисозии накшаву супоришхои Хукумати чумхурӣ оид ба чалби сармояи хоричӣ, тахким бахшидани равандхои савдои озод, аз байн бурдани монеахои тарифӣ ва тавозуни нархгузорӣ дар савдои хоричӣ, мусоидат ба таквият ва тавсеаи фазои тичорат, халлу фасли мушкилоти хамлу накл ва интиколи молу махсулот корхои назаррасеро анчом додааст.
Дар ин муддат Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон ба кишвархои гуногуни чахон сафар намуда, зимни ба имзо расондани созишномахо дар бахшхои иктисодӣ ва ичтимоӣ ба таквият ва рушди робитахои дучониба ва бисёрчонибаи иктисодӣ заминаи мусоиди хукукию шартномавӣ фарохам овардаанд.
Мутахассисон мегӯянд, ки муваффакияти сиёсати хоричӣ ва дипломатияи точик, пеш аз хама, аз махорати барномарезӣ ва дурандешии Сарвари он, анъанахои давлатдорӣ, арзишхои фархангию маънавӣ ва касбияти кормандони хадамоти дипломатӣ вобаста мебошад. Аз ин рӯ, дар комёбии дипломатияи точик хиради азалии Президенти кишвар, самтхои дурусти муайяннамудаи сиёсати хоричӣ ва садокату касбияти кормандони соха

мусоидат намуданд.
Хамин тарик, Чумхурии Точикистон дар давоми 28 соли Истиклолияти давлатӣ дар пешбурди сиёсати хоричӣ ва таквияти чойгоху нуфузи худ дар арсаи чахонӣ ба комёбихои назаррас ноил шудааст. Тавсеа ва равобит бо кишвархо ва созмонхои олам бо хифзи манофеи миллӣ ва риояи шарикӣ асоси сиёсати хоричии Чумхурии Точикистонро ташкил дода, кишвари мо бар асоси сиёсати дархои кушода робитахои гуногунсамтро бо тамоми кишвархо ва созмонхое, ки ба манофеи миллии мо эхтиром мегузоранд, густариш бахшидааст.
Дипломатияи точик дар партави сиёсати хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар даврони сохибистиклолӣ ба дастовардхои беназир ноил гардида, Точикистон дар арсаи байналмилалӣ хамчун кишвари ташаббускори халли масоили умдаи глобалӣ ва сулххох эътироф гашт.
Хукумати Чумхурии Точикистон дар шароити хассосу мураккаб ва зудтағйирёбандаи чахон сиёсати хоричии худро хамчун идомаи мантикии стратегияи бисёрчабхаи сохторхои марбута чихати таъмини манфиатхои миллӣ, кабл аз хама, истиклолу озодӣ, амнияту субот, шароити мусоиди пешрафт ва рушди устувори кулли сохахои хаёти чомеа ба рох монда, дар чодаи хамкории минтакавию байналмилалӣ мавкеи муваффаконаро касб кард.
Бо натичагирӣ аз дастовардхои сиёсати хоричии Хукумати Чумхурии Точикистон коршиносони масоили сиёсӣ хама пешравихои муваффаконаи робитахои байналмилалиро бо мавкеи устувори сиёсӣ ва дурандешию башардӯстии Пешвои тавоно - Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон алокаманд медонанд.
Вокеан, Пешвои муаззами миллати фархангпарвари точик бо пешниходу хидоят ва тархxои илман асосноки фарогири манфиатхои умумиинсонӣ дар арсаи байналмилалӣ хамчун сиёсатмадори созандаву башардӯст эътироф гардида, кишвари тозаистиклоли Точикистонро муваффакона ба шохрохи рушду пешрафти хамачониба рохнамоӣ карда истодаанд.

**Абдуфаттох ШАРИФЗОДА,**
**Садриддин ШАМСУДДИНЗОДА**